ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Хайрзода Ашурали Гургак дар мавзуи «Системаи методии омода намудани омӯзгорони муосири химия дар радифи муносибати проблемавӣ-ҳамгирой бо назардошти муҳити таълим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтиссоси 13.00.08.02.-Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (химия, таҳсилоти касбӣ) пешниҳод шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ довталаб Хайрзода Ашурали Гургак доир ба мавзуи «Системаи методии омода намудани омӯзгорони муосири химия дар радифи муносибати проблемавӣ-ҳамгирой бо назардошти муҳити таълим», пиёда намудани таҳқиқоти илмӣ, пеш аз ҳама ин дар мадди аввал ҷавобан ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳуии Тоҷикистон оид ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Солҳои рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ-дар соҳаи илму маориф» таваҷҷӯҳи хос равона намудан мебошад.

Паҳлуи дигари мубрам ва муҳим будани таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Хайрзода Ашурали Гургак дар он аст, ки мавзуи хеле муҳим - системаи методии омода намудани омӯзгорони муосири химия дар радифи муносибати проблемавӣ-ҳамгирой бо назардошти муҳити таълим ва бо асосҳои методии татбиқи он дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии Тоҷикистонро, ки то ба имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммалу алоҳида пажуҳиши илмӣ-амалии он анҷом дода нашудааст, барои омӯзишу таҳқиқ интихоб ва коркард кардааст.

Довталаб Хайрзода Ашурали Гургак хатмкардаи факултети химияи ДМТ дар соли 1986 бо ихтисоси химия мебошад. Мавсуф собиқаи 39 солаи кори дар соҳаи маориф дорад, ки аз он 30 солаш дар мактаби олӣ аст. Соли 1997 соҳиби дараҷаи муаллими калон, солҳои 1996 то 2000 ҳамчун муҳаққиқи Пажуҳишгоҳи химияи АМИТ фаъолият намуда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Комлексные соединение железо (II) с полиэдрическими клозо-боратными анионами $B_{10}H_{10}^{2-}$, $B_{10}CL_{10}^{2-}$, $B_9H_9CH^-$, $B_{11}H_{11}CH^-$» зери роҳбарии акакадемик Мирсаидов У. М.,

28.12.2000 ҳимоя намуда соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои химияро (КТ №041070) бо ихтисоси 02.00.01. – химияи ғайриорганикӣ ба даст овардааст. Соли 2001 соҳиби Ифтихорномаи ВМ ва илми Ҷумҳрии Тоҷикистон, соли 2003 Аълочии маориф ва илми Ҷумҳрии Тоҷикистон ва 24-ноябри соли 2022 ба гирифтани унвони дотсент аз рӯйи ихтисоси химия соҳиб гардидааст. Муаллифи беш аз 83 кори илмӣ-монография, дастури таълими, дастури методӣ, мақолаҳо дар семинару конференсияҳои мухталиф ва маҷалаҳои тақризшаванда мебошад.

Кори диссертатсионии Хайрзода Ашурвлӣ Гургак дар мавзуи «Системаи методии омода намудани омӯзгорони муосири химия дар радифи муносибати проблемавӣ-ҳамгироӣ бо назардошти муҳити таълим», аз муқаддима, ихтисораҳо 4 боб 19 зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрами мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия-«Ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии тайёр намудани омӯзгорони химия дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо истифода аз муносибатҳои проблемавӣ-ҳамгироӣ» ном дошта, мазмуну муҳтавои он дар чор зербоб инъикос ёфтааст.

Дар боби дуюми диссертатсия–«Системаи методии омода кардани омӯзгорони муосири химия дар асоси муносибати проблемавӣ-ҳамгироӣ» ном дошта аз панҷ зербоб таркиб ёфтааст.

Дар боби сеюми диссертатсия бо номи «Системаи методии методикаи омода кардани омӯзгорони муосири химия дар радифи муносибати проблемавӣ-ҳамгироӣ дар МТОК», аз панҷ зербоб таркиб ёфтааст.

Дар боби чоруми диссертатсия бо номи «Таҳқиқи самаранокии системаи методии проблемавӣ-ҳамгироии методикаи омода кардани омӯзгорони муосири химия», иборат аз чор зербоб мебошад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ дар ҳаҷми бандҳои алоҳида хулоса ва тавсияҳо ҷамъбаст гадидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд, чуноне ки муаллиф дар мавзуи таҳқиқ бештар такя ба уҳдадориҳои имрӯзаи дар назди омӯзгор гузоштаи Ҳукумати кишвар намуда ва таъкид менамояд, ки ҷиҳати рушди қобилияти касбиаш ӯ ҷиҳати иҷрои бандҳои поёнзикр вазифадор аст, ки:

- таълимро дар мактаб ҳамчун низоми тараққиёт ташкил намуда, барои ин беҳтарин вариантҳои ташаккули раванди педагогиро интихоб намуда, натиҷаҳои эҳтимолии татбиқи онҳоро бо назардошти шароити тағйирёбандаи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва умумиҷамъиятӣ ва тарбияии пешгӯйикунанда ба роҳ монад;
- ба кори хеш низом бахшида, дар асоси он методикаи таълими муосири фанниро ташаккул диҳад;
- худомузиро ҳамчун шакли такмили доимии касбӣ ва худтакмилдиҳӣ, инчунин, худташкилкунӣ, инъикос ва худидоракунии фаъолияти муосири касбии худ ба роҳ монад;
- таҷрибаи илм ва амалияи педагогиро на танҳо истифода барад, балки аз доираи фаъолияти меъёрӣ берун баромада, ба он навигариҳои муосиру самарабахш ҷорӣ намояд;
- дар асоси муқаррароти бунёдии педагогика, психология, акмеология ва усулҳои таълими фаннии муосир ба фаъолияти эҷодкорӣ ва рушди қобилияти хонандагон мусоидат намояд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Хайрзода Ашурали Гургак бо номи «Системаи методии омода намудани омӯзгорони муосири химия дар радифи муносибати проблемавӣ-ҳамгироӣ бо назардошти муҳити таълим» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) ва Датурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгу буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02.-Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (химия, таҳсилоти касбӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи
методикаи таълими фанҳои
табиатшиносии ДДБ ба номи
Носири Хусрав Холназаров Санг
«02» 01 соли 2025

Суроға: индекс, 735140,Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Бохтар, кучаи Айнӣ 67
Тел.:(+992-37) 985584234
E-mail:

Имзои Холназаров Санг -ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т